Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Каримов Даврон Бобомуродович дар мавзуи – «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи ичрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ), пешниҳод шудааст (Душанбе, 2022. – 30 саҳ).

Омӯзиши таърихи гардиши моддаҳои сахттаъсир ва заҳролуд нишон медиҳад, ки ин моддаҳо ба одамон аз замонҳои пеш маълум буданд, аммо аз сабаби нокифоя донистани хусусиятҳо, миқёси таъсири зараровари онҳо ба бадани инсон пурра манъ намегардиданд. Муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ва заҳролуд дар баробари рушди соҳаи тиб, саноати фармасевтӣ ва кимиёвӣ, бо пайдоиши дорухо ва маводҳои кимиёвии нав коркард гардиданд. Ба туфайли рушди босуръати илм, афзоиши босуръати шаҳрҳо ва аҳолӣ, сохмони роҳҳо, пайдоиши намудҳои нави нақлиёт ва коммуникатсия, паҳншавии моддаҳои сахттаъсир ва заҳролуд низ зиёд гардид. Истеъмоли чунин моддаҳо якбора афзуда, ба пайдо кардани хусусиятҳои мушкилоти иҷтимоӣ сарчашма гузошт. Сатҳи афзояндаи сӯиистифода аз моддаҳои сахттаъсир ва заҳролуд такмили қонунгузориро оид ба назоратии муомилоти онҳо ҷиҳати пешгирии саривақтӣ тақозо менамояд. На танҳо муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир, балки, инчунин муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ва заҳролуд яке аз мушкилоти ҷиддии тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад, ки дар қитъаҳои гуногуни ҷаҳон паҳн гашта, ба амнияти инсоният таҳдид намудаистодааст.

Ҷиноят эътироф гардидани ин кирдорҳо аз ҷониби қонунгузор инъикоси зарурати объективии ҳаёти ҷамъиятӣ мебошад. Ҷамъият тағйир меёбад ва рушд мекунад, дар раванди рушд аз як марҳила ба марҳилаи дигар мегузарад. Ҳангоми рушди ҷомеа зарурати танзими муносибатҳои иҷтимоӣ тавассути меъёрҳои қонун ба вуҷуд меояд, ки он сабаби пайдоиши меъёрҳои нав ё тағйирёбии меъёрҳои мавҷуда тибқи талаботи ҷомеа мегардад. Бинобар ин, масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан, ки таҳқиқбаранда Каримов Д.Б. - рисолаи илмии худро дар ин хусус ба анҷом расонидааст, яке аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб меравад ва натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодашуда барои назария ва амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ аҳаммияти калонро соҳибанд.

Аз таҳлили амиқ ва баррасии ҳамаҷонибаи масъалаҳои дар автореферат зикргардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот пай дар пай ва бо риояи мантиқи илмӣ таҳия гардидааст. Автореферати диссертатсия ҳамаи талаботҳои ҷойдоштаро дар худ ғунҷонида, натиҷаҳои пурра ва босамари таҳқиқотро ифода намудааст.

Пажӯҳишгар масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан бо дарназардошти ҷанбаҳои таърихӣ, яъне бо истифода аз таҷрибаи низомҳои таърихӣ-ҳуқуқии Тоҷикистон баррасӣ намуда, низоми ҳуқуқии шӯравиро бо низоми ҳуқуқи муосири Тоҷикистон муқоиса карда, хулосабарорӣ намудааст. Дар ин замина, як қатор нуктаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалиро пешниҳод намудааст, ки онҳо барои такмили қонунгузории кишвар оид ба муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан бисёр пураҳаммият мебошанд. Диссертант таҳқиқоти рисолаи илмии худро дар заминаи сарчашмаҳои нодири таърихӣ-ҳуқуқӣ, қонунгузории миллӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ анҷом дода, тавассути он роҳҳои ҳал ва такмили қонунгузории соҳавиро дар самти муомилоти ғайриқонунии

моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан пешбинӣ намудааст.

Аз мазмуну муҳтавои автореферати мазкур бармеояд, ки муаллиф вазифаҳои дар наздаш гузошташударо то ҳадди зарурӣ ҳал намудааст, вале новобаста аз ин, ҳанӯз баъзе масъалаҳое дар ин самт ҷой доранд, ки таҳлилу баррасии алоҳидаро талаб менамоянд. Аз ҷумла:

1. Таҳқиқбаранда қайд менамояд, ки мафҳуми моддаҳои сахттаъсир ва заҳролуд дар баъзе санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, чӣ дар сатҳи миллӣ ва чӣ дар сатҳи байналмилалӣ, дар муқоиса бо мафҳуми нашъамандӣ ва моддаҳои психотропӣ пешбинӣ нагардидаанд. Номуайянии то ҳол мавҷудбудаи истилоҳот вобаста ба моддаҳои заҳролуд ё сахттаъсир бояд бо таҳрир мувофиқи матни ин модда ислоҳ карда шаванд, то ки самарнокии иҷтимоии онҳоро таъмин кунад (саҳ. 11). Аммо хубтар мебуд, ки агар таҳқиқбаранда дар тавсияи дуюм мафҳуми моддаҳои сахттаъсир ва заҳролудро пешниҳод менамуд.

2. Унвонҷӯ дар тавсияи шонздаҳум пешниҳод кардааст, ки ба КҶ ҶТ моддаи нав 206[4] «Моил кардан ба истеъмоли моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд» ворид карда шавад (саҳ. 13). Аз унвонҷӯ мехостам сабаби ворид намудани моддаи мазкур ва мавҷудияти онро дар таҷрибаи давлатҳои дигар пурсон шавам.

Мулоҳизаҳои мазкур ҳангоми баҳодиҳии мусбати автореферати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда хеле муҳим буда, мураккаб ва баҳсноканд.

Дар маҷмуъ, аз таҳлилу баррасии автореферати мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки Каримов Даврон Бобомуродович ҳангоми навиштани рисолаи илмӣ дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан» қобилияти баланди эҷодкорӣ нишон додааст. Автореферати диссертатсия ва дастгоҳи илмии таҳқиқот ба талаботи муқаррарнамудаи

Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08. – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Такриздиханда:

Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори
кафедраи ҳуқуқи Донишкадаи олии сарҳадии
Кумитаи давлатии амнияти миллии
Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳусейнова М.С.

Имзои Ҳусейнова М.С.-ро
тасдиқ мекунам: Сардори шуъбаи
кадрҳои Донишкадаи олии сарҳадии
Кумитаи давлатии амнияти миллии
Ҷумҳурии Тоҷикистон Бурҳонов М.
«13» 12 2022 г.